**Тақриз**
**ба афтореферати диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи «Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.2 Назарияи забон**

Ба масъалаҳои забон аз замонҳои қадим то имрӯз таваҷҷуҳ кардани донишмандон бесабаб нест. Дар забон дороиҳои ҳаёти илмӣ, фарҳангӣ, таърихи гузаштаю имрӯзи миллат, муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ, афкори миллӣ ва муносибатҳои гуногуни сокинони як минтақа мунъакис мегардад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи масоили забонӣ гуногунҷанба мебошад. Дар ин замина, диққати донишмандонро таҳқиқи соҳаҳои мутааддид аз дуриҳои таърихи забон дар самти савтиёт, сарфу нав, луғатнигорию луғатшиносӣ, таҳқиқи гӯйишҳо ва забони осори адибону шеваи баёни онҳо ҷалб менамояд. Муайян сохтани мақому манзалати ин гуна асарҳо дар марҳилаҳои тараққиёти забон вазифаи муҳимми илмиест, ки аз тарафи муҳаққиқони соҳибзавқ ва дорои донишҳои ҳаматарафаи илмии забоншиносӣ аст. Дар ин замина, баррасии афкори забоншиносии марҳилаҳои гуногуни таърихи илм дар самти забон аз вазифаҳои **мубрами илмиест**, ки ба ин масъала бисёр кам таваҷҷуҳ шудааст. Махсусан, агар ба сад соли охири дастовардҳои илмии забоншиносон дар самти таҳқиқи масъалаҳои гуногуни забони тоҷикӣ назар афканем, корҳои илмӣ-тадқиқотии диссертатсионӣ ба чашм намехуранд, ки ин ҷойи холиро кори илмии Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи «Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) пур намудааст. Ин таҳқиқот дастовардҳои забоншиносонро дар соҳаҳои гуногуни забони тоҷикӣ дар давраи беш аз сад сол фаро гирифтааст. Аз автореферат маълум аст, ки дар диссертатсия асару мақолаҳои донишмандон дар самти шевашиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, асару монографияҳои илмии марбут ба савтиёт, сарфу наҳв, луғатнигорӣ, осори библиографӣ ва ғайра мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, мақому манзалат ва ҷойгоҳи осори таълифӣ муайян гардидааст. Дар кор марҳилабандии таърихиву рушди забони адабии тоҷикӣ, таҳқиқи таълифи грамматикаҳо, саҳми равшанфикрон дар ташаккули забоншиносии навини тоҷик, мубоҳисаҳои солҳои 20-30-юми асри XX дар самти забони адабии тоҷикӣ ва масъалаҳои илмиву амалии он, имлои нави тоҷикӣ, истилоҳ ва истилоҳгузинӣ, сарфу наҳви забони тоҷикӣ, навишти китобҳои дарсӣ, саҳми матбуот дар рушди забоншиносӣ, забони гуфтугӯии тоҷикӣ, гузариш аз низоми хатти арабиасос ба алифбои лотинӣ ва ба алифбои сириллии тоҷикӣ гузаштан ва масъалаҳои марбут ба дастуру китобҳои дарсии зинаҳои гуногуни таҳсилот, луғату фарҳангҳо, рисолаҳои илмии ҷамъбастӣ дар солҳои 70-уми асри XX мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, хулосаҳои муҳимми илмӣ пешниҳод шудааст.

Ба назари мо **саҳми унвонҷу** дар баррасии масъалаи пешниҳодшуда ниҳоят калон аст. Ӯ тавонистааст, ки маводи бениҳоят арзишманд дар робита ба осори давраи таҳқиқотӣ гирдоварӣ карда, бо тамоми нозукиҳояшон

мавриди баррасии илмӣ қарор диҳад. Муайян сохтани ҷойгоҳи назарияҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ саҳми дигари муаллифи рисола аст, ки мушикофона матраҳ гардидаанд. Баррасӣ, таҳқиқ ва коркарди илмии мавод, муайян сохтани мақому манзалати илми забоншиносии тоҷик дар як марҳалаи калони таърихи афкори забоншиносӣ ва хулосабарориҳои илмии муаллиф саҳми унвонҷуро бармало нишон медиҳад.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда дар ҳаҷми 360 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шуда, дар забоншиносии тоҷик **таҳқиқоти наву тоза** мебошад. Унвонҷу ба матраҳ сохтани масъалаҳои муҳимме, ки дар ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ пешниҳод шудаанд пардохта, таҳқиқи таърихи афкори забоншиносии навини тоҷикро аз соли 1840-уми асри XIX то замони бозсозии асри XX дар асоси маводи фаровон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Хулосаҳои илмии муаллиф дар 22 банд мазмуну муҳтаво ва моҳияти кори диссертатсиониро нишон медиҳанд, ки аз муносибати ҷиддӣ ва ҳадафмандонаи муаллиф дарак медиҳад. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 10 банд пешниҳод шуда, корои заҳматҳои унвонҷуро муайян месозанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия муҳим арзёбӣ мешавад. Як монография, 18 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақолаи дар маҷмуаҳои илмии марбут ба маводи конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ чопшуда гувоҳи он аст, ки мавзуъ дар назди ҷомеаи илмии ватанию хориҷӣ муаррифии комил шудааст.

Ба назари мо матни тоҷикӣ ва русии автореферат ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо, дар автореферат баъзе камбудиҳо дида шуд, ки овардани онҳоро аз манфиат холӣ намедонам.

1. Ба назари мо дар саҳифаи 12 зимни нишон додани саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот овардани суханоне чун «Таҳқиқот дар илми забоншиносии тоҷик пажуҳиши нав ва мубрам маҳсуб меёбад. Дар рафти таҳқиқ муаллифи рисола ба ҳалли масъалаҳои муҳимми дар пеш гузошташуда, аз ҷумла, таҳқиқи мукаммали таърихи афкори забоншиносии навини тоҷик дар асоси моводди фаровон аз соли 1840-уми асри XIX то замони бозсозии асри XX муваффақ шудааст» вазифаи муқарриз аст. Муаллив онро бояд аз номи худаш баён мекард.
2. Дар саҳифаи 17 дар байти Хоҷа Ҳофиз, ки хатти арабиаос оварда шудааст калимаи шерозӣ дар шакли شيراز омадааст. Мебоист дар шакли شيرازى навишта мешуд.

Бешубҳа, ин эродҳоиислоҳшавандаанд ва ба арзиши баланди илмии кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи «Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)-ро анҷомёфта мешуморам. Ҳадафу

вазифаҳо дар назди унвонҷу гузошташуда пурра иҷро шудаанд ва онҳо бо забони фаҳмою равшан нигошта шудаанд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии ихтисоси 6.2.2 Назарияи забон мувофиқ аст.

Дар асоси автореферат метавон ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи «Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2 Назарияи забон сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 88-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗ:**
доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҳматуллозода

**Нишонӣ:** 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н.Қарабоев 84/ 4, ҳуҷраи 22.
Тел: +992 (37) 227 59 38.+992 (37) 227 78 29;
дастӣ: (992) 919 00 21 78.
Email: saxidodi@list.ru

**Имзои доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадр ва корҳои махсуси
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Сафарзода

**Маълумот барои тамос.**
**Нишонӣ**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тамос: (992) 919 00 21 78.
Email: saxidodi@list.ru
«18» июли соли 2026